**ПРОТОКОЛИ № 5**

**Маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-073 назди МДТ**

**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

05.04.2024 ш. Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**

Аз ҳайати тасдиқшудаи Шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар дар маҷлис иштирок намуданд – 10 нафар, аз ҷумла доктортони илм -9 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 5 нафар

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи номзадии Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

**ШУНИДА ШУД:**

Давлатов Муллошо, раиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-073 дар асоси варақаи ҳузур аъзои Шуроро дар бораи босалоҳият будани маҷлис огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон намуд. Сипас раисикунанда довталаби дарёфти дараҷаи илмиро муаррифӣ намуда, ному насаб, мавзуи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмро, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, ҳамчунин муассисаи пешбар, ному насаб, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷои кори муқарризони расмиро эълон кард.

Исамитдинов Ж.Б., котиби илмии Шурои диссертатсионӣ ҳозиринро бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмӣ Хайруллозода Кароматулло шинос намуда, оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ дод.

Сипас ба унвонҷӯ Хайруллозода Кароматулло барои маърӯза аз рӯйи мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» то 20 дақиқа вакт дода шуд.

Пас аз ба итмом расидани маъруза аъзои Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Н.У., доктори илмҳои таърих Абдурашидов Ф., доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода О.Қ., доктори илмҳои таърих Мамадалиев И. А., доктори илмҳои таърих Аюбов А.Р. ба довталаб саволҳо доданд. Довталаб барои посухи саволҳо муҳлат пурсид.

Баъдан сухан ба роҳбарии илмӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Раҳимов Н.Т. дода шуд. Роҳбари илмӣ дар тақризи худ баҳои илмии диссертатсия, тавсифномаи фаъолияти илмӣ ва илмӣ-омӯзгории Хайруллозода Кароматуллоро дода, асоснок намуд, ки барои чӣ ба довталаб дараҷаи илмии дарёфтшаванда дода мешавад.

Исамитдинов Ж.Б., котиби илмии Шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои муқаддамотии ташхиси диссертатсия –хулосаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,бизнес ва сиёсати Тоҷикистон шинос намуд. Ҳамчунин ӯ ҳозиринро бо тақризҳо оид ба автореферат, ки ба Шуро аз ҷониби олимони зерин ворид шудаанд шинос намуд:

1. Гадоев Ғозӣ – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

2. Қурбонов Ш.Ф. - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи бостоншиносӣ ва мероси ниёгони Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

3. Усмонов Б. – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ӯзбекистони Донишгоҳи давлатии Фарғона.

4. Гордеева Е.А. – номзади илмҳои таърих, ходими калони илмии Маркази миллии археологии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Бо ризоияти аъзои Шуро котиби илмӣ Исамитдинов Ж.Б. шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферат, бо қироати ҳатмии эродҳое, ки дар онҳо оварда шудаанд, ироа намуд.

Пас аз шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Хайруллозода Кароматулло барои ҷавоб додан ба саволҳои аъзоёни Шуро, ба эърод‌ҳои дар тақризҳо ҷойдошта сухан дода шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Хайруллозода Кароматулло ба саволҳои аъзои Шуро ва эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта ҷавобҳои мушаххас дод.

Бинобар аз сабаби беморӣ дар ҷаласа иштирок накардани муқарризи расмии аввал - доктори илмҳои таърих, профессор, сармуҳофизи Осорхонаи илмии бостонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Бобомуллоев Саидмурод Ғиёсович муҳтавои тақризи ӯро ба самъи ҳозирин котиби илмии Шуро, Исамитдинов Ж.Б. расонид.

Муқаррizи расмии дуюм - номзади илмҳои таърих, Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Раҳимова Шаҳноза Каримовна сухан кард. Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақриз оварда шудаанд, пурра баён карданд.

Баъд аз шунидани тақризи ҳар як муқарриз ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Хайруллозода Кароматулло барои ҷавоб додан ба эродҳо сухан дода шуд.

Сипас сухан ба аъзои Шуро, мутахассисон доир ба ихтисоси диссертатсия – доктори илмҳои таърих Исамитдинов Ж.Б., доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф. М. дода шуд. Ба сифати муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода О.Қ., номзади илмҳои таърих Шарипов Ш. баромад намуданд. Баромадкунандагон зимни мубоҳиса ба

диссертатсия баҳои асоснок доданд. Дар тақризи онҳо эрод ҷой надошт, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода шуд.

Баъди ба итмом расидани мубоҳиса Шуро бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Хайруллозода Кароматулло овоздиҳии пинҳонӣ баргузор намуд. Комиссияи ҳисоб дар ҳайати зерин интихоб карда шуд: доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М., доктори илмҳои таърих, профессор Каримзода О.Қ. ва доктори илмҳои таърих Аюбов А. Р.

Комиссия ҳисоб Абдурашитов Ф.М.-ро раис интихоб кард, ки мавсуф ҳозиринро бо натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ шинос намуд:

Ҳайати Шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок намуданд -10 нафар, аз ҷумла докторони илм – 9 нафар. Бюллетенҳои додашуда – 10 адад. Бюллетенҳои тақсимнашуда – нест. Бюллетенҳои дар қуттӣ -10 адад.

Натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Хайруллозода Кароматулло: тарафдор – 10 нафар; муқобил – нест; бюллетенҳои беътибор –нест.

Баъди бо овоздиҳии ошкоро тасдиқ намудани протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб оид ба натиҷаи овоздиҳӣ доир ба масъалаи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба Хайруллозода Кароматулло, лоиҳаи хулосаи Шуро, ки пеш аз оғози маҷлис барои шиносоӣ ба ҳар як аъзои Шуро пешниҳод шуда буд, аз рӯйи ҳимояи диссертатсия муҳокима карда шуд. Матни хулоса бо овоздиҳии ошкоро бо як овоз қабул карда шуд.

Ҳамин тариқ, Шурои диссертатсионии 6D.KOA-073 баъди шунидан ва баррасии диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), тақризи роҳбари илмӣ –доктори илмҳои таърих Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич, тақризи муассисаи пешбар –

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тақризи муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих Бобобуллоев Саидмурод Ғиёсович, номзади илмҳои таърих Раҳимова Шаҳноза Каримовна, ҳамчунин мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда – доктори илмҳои таърих Мамадалиев Иномжон Абдусатторович, доктори илмҳои таърих Абдурашитов Фозил Маматович , муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои таърих Каримзода Осим Қосим, номзади илмҳои таърих Шарипов Шавкат дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ ба диссертатсия дар бораи эътимоднокӣ, навгонӣ ва аҳамияти онҳо барои назария ва амалия, натиҷаҳои ба дастоварда, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшудаи Хайруллозода Кароматулло

**қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Хайруллозода Кароматулло дар мавзуи «Таърихи таҳқиқоти бостоншиносии Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1929-1989)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Низомномаи шурои диссертатсионии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295) тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Хайруллозода Кароматулло дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 –Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба Хайруллозода Кароматулло додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02- Тарихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дархост карда шавад.

Қарори Шурои диссертатсионӣ бо як овоз қабул шуд.

Бо ҳамин кори маҷлиси Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон шуд.

**Раиси ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Давлатов М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Исамитдинов Ж.Б.**